№7891/5.1 аз 21.12.2012

Мақомоти
ҳудудии андоз

***Оид ба рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштани андозсупорандагон***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки аз 1 январи соли 2013 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мавриди амал қарор дода мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 26 Кодекси андоз дар таҳрири нав дар баробари ба шахсони ҳуқуқӣ додани рақами мушаххаси андозсупоранда ҳангоми мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд мувофиқи тартиби муқарраргардида ба чунин шахсон **рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан** низ дода мешавад.

Ин гуна рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан, инчунин ба муассисаи доимии ғайрирезиденте, ки фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе филиал (намояндагӣ) ё агентҳои ваколатдорнамудаи худ анҷом медиҳанд, намояндагии дипломатӣ ва намояндагии ба он баробаркардашудаи давлати хориҷӣ, ташкилоти байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда дода мешавад.

Рамзи сабабҳои баҳисоб гузоштани андозсупоранда (РСБ) – рамзи махсуси баҳисобгирии бақайдгирӣ мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти андоз ҳангоми мавҷуд будани объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди андозсупорандагон бо мақсади таъмини назорат ва ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дода мешавад.

Дар сурате, ки андозсупоранда дар як мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда бошад ва дар ҳудуди дигар минтақаи ҷумҳурӣ дорои объекти андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд бошад ва (ё) фаъолияти худро тавассути ҷойҳои кории доимии статсионарӣ ба амал барорад, бояд дар мақомоти андози маҳаллӣ ҷойгиршавии ин объектҳо дар баҳисобгирии бақайдгирӣ гузошта шавад.

Мақомоти андоз ӯҳдадор аст, ки дар мӯҳлати 3 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ариза, андозсупорандаро дар баҳисобгирии бақайдгирӣ

гузорад ва дар ҳамин мӯҳлат бо Тасдиқнома дар бораи додани Рамзи сабабҳои баҳисоб гузоштани андозсупоранда таъмин созад.

Рамзи сабабҳои баҳисоб гузоштани андозсупоранда дар ҳолатҳои зерин ба андозсупорандагон ба таври ҳатмӣ дода мешавад:

– мавҷуд будани қитъаи замин;

– мавҷуд будани молу мулки ғайри манқул;

– мавчуд будани воситаҳои нақлиёт;

–берун аз маҳалли баҳисобгирии бақайдгирии худ таъсис намудани ҷойҳои кории доимии статсионарӣ (ба истиснои филиал ва намояндагиҳо);

– мавҷуд будани дигар объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд.

Рамзи сабабҳои баҳисоб гузоштани андозсупорандагон аз ҷониби мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии воҳиди асосии шахси ҳуқуқӣ дода мешавад.

Рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштани ба андозсупорандагон додашуда, танҳо дар асоси аризаи андозсупоранда бекор карда мешавад.

Дар айни замон аз тарафи Кумитаи андоз лоиҳаи «Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштани андозсупорандагон» таҳия гардида дар мувофиқа қарор дорад.

Бо қабули тартиби мазкур, азнавбаҳисобгирии пурраи воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқӣ гузаронида шуда рақамҳои мушаххасе, ки қаблан ба чунин воҳидҳои махсус дода шуда буд, бекор карда шуда, бо назардошти мавҷуд будани объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, ҳамаи онҳо бо рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан дар мақомоти андоз таъмин карда мешаванд.

Бо назардошти ин, мақомоти худудии андозро зарур аст, ки руйхати пурраи воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқии дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ба қайд гирифташударо тибқи ҷадвали замимагардида омода намуда, то санаи 05.01.2013 ба Кумитаи андоз дар шакли коғазӣ ва электронӣ бо суроғаи uchet@andoz.tj ирсол намоянд.

Раис Н. Давлатов